# ТАҚРИЗ

## ба автореферати диссертатсияи Салимзода Маҷид Одина дар мавзӯи "Хусусиятҳои мундариҷавию жанрии публитсистикаи Тоҷӣ Усмон" барои дарёфти унвони номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ

Дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ, ки мавҷи ахбор ҷомеаро зери таъсир қарор додааст, омӯзиши публисистика ҳамчун объекти тасвири воқеияти иҷтимоӣ хеле муҳим мебошад, зеро таҳқиқи воқеияти иҷтимоӣ дар асарҳои нашршуда барои дарёфти усулҳои солими таъсиррасонӣ ба тафаккури инсонҳо заминаи мусоид ба шумор меравад.

Боиси тазаккур аст, ки зарурати чун самти афзалиятноки илм эътироф шудани шинохти публитсистика вуҷуд дорад, зеро хусусияти публитсистика дар воқеӣ будани мавзӯъ, бо факт асоснок гардонидани он, образнокии сухан, оҳангҳои иҷтимоӣ ва мавқеъгириҳои сиёсӣ ошкор гардида, таъиноти он тарғиби ғояҳои пешқадам ва таъсири бевосита ба афкори умум мебошад.

Аз ин нуктаи назар, метавон гуфт, ки диссертатсияи Салимзода Маҷид Одина низ ба чунин як мавзӯи муҳим бахшида шуда, ӯ низ таъкид мекунад, ки ин соҳаи эҷод дар таҷассуми паҳлуҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоӣ, тарбияи маънавию ахлоқии мардум, таҳкими дӯстиву бародарии халқу миллатҳо, густариши робитаи давлатҳо, таҳкими раванди корҳои созандагиву бунёдкорӣ, пешрафти соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ, дарёфти роҳҳои ҳалли проблемаҳои мубрами ҷомеа ва амсоли он нақши муҳим дорад.

Бевосита дар мисоли осори публитсистии журналист, публитсист, адиб ва тарҷумони тоҷик Тоҷӣ Усмон хусусиятҳои мундариҷавию жанрии публитсистикаро мавриди таҳқиқ қарор додани муҳаққиқ навгонӣ ва аҳамиятнокии диссертатсияи ӯро ифодагар аст. Ҳамзамон, диссертант таҳқиқи осори публитсистии Тоҷӣ Усмонро бо назардошти омилҳои замонӣ, меъёрҳои касбӣ ва дар иртибот ба махсусиятҳои

мавзӯъ, роҳу усулҳо ва имконияти таҳқиқ, муҳиммияти он дар шинохти публитсистикаи тоҷик, натиҷаю вазифа ва омилҳои дигари муайян намудани зиндагию фаъолияти эҷодӣ, нишон додани хусусияти осори публитсистии ӯ, мавқеи очерк дар эҷодиёти нависанда, қобилият ва маҳорати нигорандагии адиб ба роҳ монда, нишон додани сабақҳои касбӣ, ҷуръати нигорандагӣ ва маҳорати эҷодии Тоҷӣ Усмонро низ аз ҳадафҳои худ дар таҳқиқ қарор додааст, ки ин ҳама аҳамиятнокии пажӯҳишашро таъмин кардаанд, зеро аз нигоҳи мо, тавре аз мутолиаи автореферат бармеояд, диссертант ба ҳадафҳои худ расидааст.

Дар баробари дастовардҳо, инчунин дар автореферат чанд камбудии ҷузъӣ низ роҳ ёфтааст:

- номи фасли якуми боби дуюм зикр нашудааст, ки барои пурра будани расмияти коргузорӣ бояд ислоҳ шавад;
- диссертант таъсири муҳити иҷтимоии замонро ба эҷоди Тоҷӣ Усмон аз ҳадафҳои худ шуморидааст, аммо дар автореферат ҳалли ин мақсад мушоҳида нашуд.

Бо вуҷуди ин, метавон хулоса кард, ки диссертатсияи Салимзода Маҷид Одина дар мавзӯи “Хусусиятҳои мундариҷавию жанрии публитсистикаи Тоҷӣ Усмон” кори таҳқиқии анҷомёфта буда, диссертант барои дарёфти унвони номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ сазовор аст.

**Номзади илмҳои филология,**
**муовини директори Муассисаи**
**давлатии рӯзномаи “Баҳори Аҷам”** **Раҳимҷонов Х.У.**
*Тел.: +992 93-489-26-56*
*E-mail: khushdil_09@list.ru*

*Имзои Раҳимҷонов Хушдилҷон*
*Умарқуловичро тасдиқ мекунам.*
**Сардори шуъбаи кадрҳо:** **Ҷалилов С.Ҷ.**